# ТОҶИКИСТОН 2006-2010

# ТАФСИРИ ДАВРИИ УНИВЕРСАЛӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН, КИ АЗ ҶОНИБИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАҲИЯ ГАРДИДААСТ

## ГУЗОРИШИ № 2

Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон "Ампаро"
Ассотсиатсияи волидони кӯдакони маъюб
Ташкилоти ҷамъиятии "Ахтари Бахт"
Бюро оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният
Ташкилоти "Занони Шарқ"
Ташкилоти ҷамъиятии "Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ"
Лигаи занони маъюб "Иштирок"
Лигаи занони ҳуқуқшинос
Ташкилоти ҷамъиятии "Майрам"
Иттиҳодияи миллии маъюбон
Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон
Фонди ҷамъиятии "Нотабене"
Фонди ҷамъиятии "Панорма"
Ҷамъияти маъюбони шаҳри Душанбе
Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳуқуқ ва некӯаҳволӣ"
Ташкилоти ҷамъиятии "Имкониятҳои баробар"
Ташкилоти ҷамъиятии "Рангинкамон"
Маркази иҷтимоию иқтисоди ва ҳифзи ҳуқуқи инсон "Имран"
Ташкилоти ҷамъиятии "Сплин Плюс"
Ташкилоти ҷамъиятии "Сӯҳроб"
Ташкилоти ҷамъиятии "Хома"
Маркази ҳуқуқи кӯдак
Маркази ҳуқуқи инсон
Маркази саломатии рӯҳӣ ва ВИЧ/СПИД
Ташкилоти ҷамъиятии "Чашмаи Ҳаёт"
Ташкилоти ҷамъиятии "Шифо"

**Душанбе, Тоҷикистон, Март 2011с.**

**МУНДАРИҶА**

I. БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ВА ҲУҚУҚИ ЗАНОН ........................................................... 3

II. ҲУҚУҚИ КӮДАК ........................................................................................... 4

III. ҲУҚУҚ БА МАНЗИЛИ КИФОЯТКУНАНДА ........................................................ 5

IV. ҲУҚУҚ БА САТҲИ ҲАДДИ АКСАР ИМКОНПАЗИРИ САЛОМАТИИ ҶИСМОНӢ ВА РӮҲӢ ........................................................................................................ 7

V. ҲУҚУҚҲОИ ГУРӮҲҲОИ МАРГИНАЛӢ ............................................................. 8

VI. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТҲОЯШОН МАҲДУД .......................................... 9

VII. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ .............................................................................. 10

VIII. ГУРЕЗАҲО ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНДӢ ......................................................... 11

РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ ....................................................................................... 12

Дар давраи ҳисоботӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои мусбатро оид ба беҳтарсозии вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар андешидааст. Масалан, барномаҳои давлатӣ оид ба маориф, инчунин таъмини баробарии гендерӣ қабул карда шудаанд. Тағйироти ба наздикӣ ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида синну соли ақди никоҳро бо мақсади ба ноболиғон пешниҳод намудани ҳифзи иловагӣ аз никоҳи маҷбурӣ баланд карданд. Ислоҳоти дигар низ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон ҷараён доранд ва ба нақша гирифта шуда истодаанд.

Бо эътироф аз аҳамияти ислоҳоте, ки Ҳукумат ҷиҳати рушду пешрафт ва ҳифзи ҳуқуқи инсон анҷом медиҳад, ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон гузориши мазкурро бо мақсади мусоидат намудан ба муайяннамудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти минбаъдаи Ҳукумат дар соҳаи ҳуқуқи инсон таҳия намуданд.

Гузориши мазкур аз ҷониби иттиҳодияи ташкилотҳои ҷамъиятии (ТҶ) Тоҷикистон, ки ба он 26 созмон ҳамроҳ шудаанд, таҳия гардидааст. Дар доираи иттиҳодия 6 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки онҳо бахшҳои алоҳидаи мавзӯиро омода сохтаанд. Бахшҳои мавзӯӣ дар асоси манбаъҳои мухталифи иттилоот, аз ҷумла гузоришҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва таҳқиқотҳои худи ТҶ, иттилооти ВАО, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ таҳия карда шудаанд. Бинобар маҳдуд будани ҳаҷми ҳуҷҷат, ҳар як бахши мавзӯӣ аз тафсири проблемаҳои асосӣ ва тавсияҳо ба мақомоти Тоҷикистон иборат мебошад. Рӯйхати ихтисороти истифодашуда дар охири гузориш оварда шудааст.

***Калимаҳои асосӣ:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробарии гендерӣ, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқ ба манзили кифояткунанда, гурӯҳҳои маргиналӣ, ақаллиятҳо, шахсони имконияташон маҳдуд, саломатӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ, гурезаҳо, шахсони бешаҳрвандӣ.*

# I. БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ВА ҲУҚУҚИ ЗАНОН

1. Сарфи назар аз як қатор тадбирҳои мусбате, ки Ҳукумати Тоҷикистон оид ба барҳам додани нобаробарии гендерӣ ва баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа андешидааст, баробарии воқеии мардҳо ва занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти аҳолӣ таъмин карда намешавад. Проблемаҳои асосии амалисозии сиёсати гендерӣ норасонии механизмҳои самараноки татбиқи қонунҳо ва стратегияҳои миллӣ, вуҷуд надоштани мониторинг ва арзёбии зарурии иҷрои онҳо, сатҳи пасти огоҳии гендерии хизматчиёни давлатӣ, вуҷуд надоштани стратегияи коммуникатсионии давлатӣ оид ба рушду пешрафти баробарии гендерӣ мебошанд.
2. Занон ба таҳсилот, замин, кредитҳо (қарзҳо) ва дигар захираҳо дастрасии баробар де-факто надоранд. Занон ҳанӯз ҳам дар мақомоти ҳокимият вазифаҳои дуюмдараҷаро ишғол мекунанд, ки ин ба онҳо имконият намедиҳад ба равандҳои қабули қарорҳо таъсир расонанд. Дар байни монеаҳое, ки садди роҳи баробарии воқеии мардҳо ва занон қарор доранд, вуҷуд надоштани механизмҳои фаврӣ ва самараноки ҳифзи ҳуқуқи занон аз табъиз ва зӯроварӣ, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила, инчунин истифодаи ғайрикофии тадбирҳои муваққатии иҷтимоӣ оид ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои татбиқи ҳуқуқи занонро номбар кардан мумкин аст.

***Тавсияҳо***

3. Бо Қонун дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари татбиқи онҳо мутобиқ намудани қонунгузорӣ, бо таваҷҷӯҳи

махсус ба татбиқи механизмҳои таъмини кафолатҳои давлатии баробарии гендерӣ дар қонунгузории соҳавӣ.
4. Таҳия намудани механизми ташхиси (экспертизаи) ҳатмии гендерии лоиҳаҳои қонунҳо ва мониторингу арзёбии муттасили татбиқи қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои гендерӣ.
5. Қабул намудани Қонун дар бораи ҳимоят аз зӯроварӣ дар оила, дар маҷмӯъ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки татбиқи амалии қонуни мазкурро таъмин мекунанд.
6. Ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, ки моҳи сентябри соли 2007 аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шудааст.
7. Вусъат бахшидани фаъолият оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии гендерии хизматчиёни давлатӣ дар ҳама зинаҳои ҳокимият, бо истифода аз системаи такмили тахассуси ҳамаи хизматчиёни давлатӣ ва гузаронидани тренингҳо ва семинарҳо дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.
8. Истифода намудани тадбирҳои муваққатии иҷтимоӣ оид ба таъмини дастрасии баробари занон ба хизмати давлатӣ дар сатҳи қабули қарорҳо, ба замин ва қарзҳо, ба гирифтани таҳсилоти (маълумоти) касбӣ ва дар дигар соҳаҳо.
9. Ҳукумат дар ҳамкории зич бо ВАО-и мустақил, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ стратегияи коммуникатсионӣ оид ба рушди пешрафти баробарии гендериро таҳия ва татбиқ намояд.

## II. ҲУҚУҚИ КӮДАК

10. Сарфи назар аз сиёсати деинститутсионализатсия, шумораи кӯдакон дар интернатҳо ва хонаҳои кӯдакон зиёд шуда истодаанд. Шароити нигоҳдории чунин кӯдакон қобили қабул намебошад. Қонунгузорӣ стандартҳои давлатии таъминоти иҷтимоии кӯдакони аз парастории волидон маҳрумбударо муқаррар намекунад.
11. Кӯдаконе, ки аз парастории волидон маҳруманд, имконият надоранд ба таълимгоҳҳои олӣ дохил шаванд, зеро қонунгузорӣ, дар баробари додани имтиёз ҳангоми дохилшавӣ, дигар масъалаҳоро, ба монанди нақлиёт, истиқомат ва хӯроки хатмкунанда дар давраи супурдани имтиҳонҳо ва таҳсил ҳал накардааст.
12. Тибқи қонунгузорӣ, кӯдаконе, ки аз муассисаҳои кӯдаконаи давлатӣ бозмегарданд, ба гирифтани манзил (истиқоматгоҳ) ҳуқуқ доранд. Дар амал бошад, меъёри мазкур иҷро карда намешавад, ки дар натиҷа ба мутобиқшавӣ ва ҳамгироии чунин кӯдакон дар ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.
13. Кӯдакон ятим ба гурӯҳи хавфи ҷабрбинандагони эҳтимолии зӯроварӣ, аз ҷумла зӯроварии шаҳвонӣ дохил мешаванд. Духтарон нисбатан бештар ба ҷабрдидагони харидуфурӯши одамон ва истисмори шаҳвонӣ табдил меёбанд. Дар кишвар омори дақиқ оид ба шумораи чунин ҷабрдидагон вуҷуд надорад.
14. Расму оини анъанавии оилавӣ ва одатҳои ташаккулёфта оид ба нақши зан дар оила боиси маҳдуд будан ва таҳти табъиз қарор гирифтани духтарон мегардад. Дар натиҷа онҳо наметавонанд дар баробари писарбачагон таҳсилоти зарурӣ гиранд ва мутобиқан ба аъзои ғайрифаъоли ҷомеа табдил меёбанд ва бори гарони кору ташвишҳои оилавӣ ва рӯзғор ба дӯши онҳо қарор мегирад.
15. Қонунан манъ карда нашудани ҷазоҳои ҷисмонӣ, истифодаи чораҳои ҷазои интизомӣ нисбати кӯдакон, аз ҷумла ҷазои ҷисмонӣ, ҳам дар оилаҳо ва ҳам дар мактабҳо амалияи васеъ паҳнгардида мебошад. Ҳеҷ гуна расмиёти шикоят кардан аз чунин амалҳо вуҷуд надорад.
16. Меҳнати кӯдакон ҳам дар майдонҳои пахтазор ва ҳам дар бозорҳо ва оилаҳо васеъ истифода мегардад. Яке аз проблемаҳо, дар қонунгузорӣ вуҷуд надоштани мафҳуми "меҳнати кӯдакон" мебошад.

17. Сарфи назар аз ислоҳоти муҳими КМҶ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли пештара системаи алоҳидаи адолати судӣ барои ноболиғон вуҷуд надорад. Механизми пешгирии ҷинояткории ноболиғон ва аз адолати судии расмӣ (маъмул) ҷудо (дур) кардани кӯдакон вуҷуд надорад.
18. Дар колонияи (муассисаи ислоҳӣ) барои ноболиғон дар ҳоли ҳозир камера барои кӯдагони гуноҳсодиркардае, ки мӯҳлати ҷазоро адо мекунанд, истифода мегардад. Барои ҳама гуна гуноҳи содирнамуда кӯдакро метавонанд дар тавқифгоҳи (изолятори) интизомӣ ҷойгир кунанд. Колония муассисаи шакли пӯшида мебошад, ва кӯдакон имконият надоранд аз амалҳои кормандоне, ки ба онҳо ҷазо таъин намудаанд, шикоят пешниҳод кунанд. Чунин амалия боиси дағалона поймол кардани ҳуқуқи кӯдак мегардад.
19. Моҳи январи соли 2011 лоиҳаи Қонун дар бораи масъулияти волидон барои таҳсил ва тарбияи кӯдакон барои муҳокимаи умумӣ пешниҳод карда шуд. Дар лоиҳаи қонуни мазкур барои кӯдакон як қатор манъкуниҳо пешбинӣ шудаанд. Манъкуниҳои мазкур метавонанд ҳархела шарҳу тафсир карда шаванд ва боиси маҳдудкунии беасоси озодии кӯдак, инчунин поймол шудани ҳуқуқи падару модарон гарданд. Лоиҳаи қонуни мазкур хилофи принсипҳои таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак, ки дар Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак муқаррар гардидаанд, мебошад.

***Тавсияҳо***

20. Дар қонунгузорӣ стандартҳои (меъёрҳои) ҳадди ақал оид ба таъминоти давлатии кӯдаконе, ки дар муассисаҳои давлатӣ тарбият мегиранд, муқаррар карда шаванд.
21. Амалияи васоят, ятимхонаҳои оилавӣ ва дигар намудҳои нигоҳубини алтернативӣ дар шароити ба оила монанд рушд ва вусъат дода шавад.
22. Системаи иттилоотонӣ ва машваратдиҳии ҳатмии кӯдаконе, ки аз муассисаҳои кӯдаконаи давлатӣ бозмегарданд, оид ба ҳуқуқи онҳо ба манзил (истиқоматгоҳ) таҳия карда шавад.
23. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми "меҳнати кӯдакон" мутобиқ ба стандартҳои (меъёрҳои) байналмилалӣ ворид ва шарҳ дода шавад. Амалияи меҳнати маҷбурии кӯдакон, аз ҷумла дар майдонҳои пахтазор қатъ карда шавад.
24. Системаи алоҳидаи адолати судӣ барои ноболиғон ҷорӣ карда шавад.
25. Барномаи пешгирии ҷинояткорӣ ва хориҷ кардани ноболиғон аз системаи адолати судии расмӣ (маъмул), аз ҷумла тавассути ба марказҳои кӯдаконаи навъи кушода табдил додани муассисаҳои пӯшида таҳия ва қабул карда шавад.
26. Тавқифгоҳи (изолятори) интизомӣ дар колонияи тарбиявӣ барои ноболиғон барҳам дода шавад.
27. Лоиҳои Қонун дар бораи масъулияти волидон барои тарбияи кӯдакони худ қабул карда нашавад.

# III. ҲУҚУҚ БА МАНЗИЛИ КИФОЯТКУНАНДА

28. Кӯчонидани маҷбурии шаҳрвандон аз хонаҳои истиқоматӣ бинобар эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин бо сабаби барои истиқомат мутобиқ набудани онҳо дар солҳои охир ба зуҳуроти махсусан паҳнгашта табдил ёфтааст. Кӯчонидани шаҳрвандон бинобар қабул гардидани нақшаҳои генералии таҷдиди шаҳрҳо, аз ҷумла шаҳри Душанбе, боиси ташвиши зиёд гардидааст, зеро чунин кӯчониданҳо хислати оммавӣ дорад. Боиси ташвиш он аст, ки муҳокимаи ҷамъиятӣ ҳангоми

таҳияи нақшаҳои генералии шаҳрсозӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ вуҷуд надорад[1].

29. Ҳангоми кӯчонидан шаҳрвандон ба ивази хонаи истиқоматии гирифташуда ё вайронкардашуда, ё умуман истиқоматгоҳ намегиранд, ё ки истиқоматгоҳҳое мегиранд, ки ба талаботи ободонӣ, баробарарзишӣ ва баробарҳаҷмӣ мутобиқат намекунанд, ё ки барои сохтмони хона танҳо қитъаи замин мегиранд. Чунин вазъият бо сабаби номукаммал будани системаи баҳодиҳии амволи ғайриманқули молик аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, системаи ғайрисамараноки шикояткунӣ аз чунин баҳодиҳиҳо ва вуҷуд надоштани сохтори (институти) экспертизаи (ташхиси) мустақили манзили истиқоматӣ ба миён меояд.

30. Хусусигардонии ғайриқонунии хобгоҳҳои умумии ба корхонаҳо ва муассисаҳо тааллуқдошта бинобар вуҷуд надоштани заминаи меъёрие, ки фаъолияти хобгоҳҳои умумиро ба танзим медарорад, рӯй медиҳад. Дар аксари ҳолатҳо ин боиси кӯчонидани истиқоматкунандагони ҳуқуқи истиқомат дошта, бидуни ба онҳо пешниҳод намудани истиқоматгоҳи дигар мегардад.

31. Раванди кӯчонидани оммавии 7167 оила аз минтақаи зери оби НБО-и сохташудаистодаи Роғун ба дигар ноҳияҳо боиси ташвиши хеле зиёд аст. Ба сокинон, одатан, қитъаи замин ҷудо карда шуда, ҷубронпулии ночиз (USD 680-685) барои сохтмони манзили нав дода мешавад, ки як қисми он (50%) дар шакли қарз ҷудо карда мешавад. Вазъият бинобар вуҷуд надоштани иттилоотонии зарурии сокинон оид ба нақшаҳо ва тағйироти минбаъда дар ҳаёти онҳо шадид мегардад.

***Тавсияҳо***

32. Дар қонунгузории манзил ба таври дақиқ шарҳ додани чунин мафҳумҳо, ба монанди "эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ" ва "истиқоматгоҳи баробарарзиш".

33. Таъмин намудани дастрасии аҳли ҷомеа ба иттилоот оид ба нақшаҳои генералии шаҳрсозӣ ва ташвиқ намудани иштироки аҳли ҷомеа дар таҳияи чунин нақшаҳо.

34. Таъсис додани сохтори (институти) баҳодиҳии манзили истиқоматӣ ва қабул намудани низомномаҳои дахлдоре, ки дар онҳо арзиши имрӯзаи бозории хонаҳои истиқоматӣ инъикос карда мешаванд.

35. Пешгирӣ намудани ҳама гуна ҳолатҳои фурӯши биноҳои хобгоҳҳои умумӣ ҳамчун ҷузъи объекти (иншооти) умумии моликияти давлатӣ, ки ба воситаи музояда ба фурӯш гузошта мешавад, инчунин таҳия намудани низомномаи намунавӣ оид ба хобгоҳҳои умумӣ.

36. Таҳия намудани механизҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқ дар ҳолатҳои кӯчонидани маҷбурӣ ва пешниҳод кардани ҷуброни баробарандоза барои гирифтан ва вайрон кардани хонаҳои истиқоматӣ ба шаҳрвандоне, ки тахти кӯчонидани маҷбурӣ қарор гирифтаанд.

37. Ба сокинони минтақаи зери оби НБО-и Роғун пешниҳод намудани иттилооти пурра ва воқеӣ оид ба ҳуқуқҳои онҳо бинобар кӯчонидани оммавӣ, таъмин намудани ҳамаи оилаҳо бо манзили муносиб ва гузаронидани мониторинги доимии ҳолатҳои кӯчонидани маҷбурӣ аз минтақаи зери об бо ҷалби васеи сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.

[1] "Дастрасӣ ба адолати судӣ дар ҷанбаи расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ аз рӯи парвандаҳо оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ", декабри 2009 - августи 2010. Бюро оид ба ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният.

# IV. ҲУҚУҚ БА САТҲИ ҲАДДИ АКСАР ИМКОНПАЗИРИ САЛОМАТИИ ҶИСМОНӢ ВА РӮҲӢ

38. Сатҳи беморӣ ва фавти кӯдакону модарон ҳанӯз ҳам дар Тоҷикистон дар маҷмӯъ хеле баланд боқӣ мемонад, хусусан дар минтақаҳои деҳот. Чунин вазъият ҳам бо сабаби вуҷуд надоштани нуқтаҳои сайёри кӯмакрасонии тиббӣ, рушди комилан ғайрикофии шабакаи муассисаҳои ҳифзи саломатии модару кӯдак ва ҳам бо сабаби нахостан ва аз ҷиҳати моддӣ қодир набудани аҳолӣ барои муроҷат кардан ба кӯмаки тиббӣ ба вуҷуд омадааст.

39. Баробари таъсис додани сохтори духтурони оилавӣ дар доираи ислоҳоти системаи тандурустӣ факултети педиатрияи Донишгоҳи тиббӣ баста шуд. Дар шароите, ки дар кишвар қариб 39%-и аҳолиро кӯдакони аз 0 то 15-сола ташкил медиҳанд, ин ҳолат ба дастрасии кӯдакон ба табобати сифатнок ва пешгирии беморӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

40. Дастрасӣ ба кӯмаки паллиативӣ (сабуккунанда) барои беморони табобатнашаванда (масалан, беморони сил ва саратон) вуҷуд надорад. Беморони амбулаторӣ нетавонанд доруҳои дардкарахткунанда ва афъюндорро бо сабаби танзим нагардидани ин масъала дар қонунгузорӣ, инчунин вуҷуд надоштани дорухонаҳои махсус дарёфт кунанд.

41. Вуҷуд надоштани кадрҳои ихтисосманд, сатҳи пасти ҳавасмандии моддии кормандони тиб, ҷиҳозонии ғайрикофии техникӣ ва моддии муассисаҳои тиббӣ сабабҳои бадшавии саломатии аҳолӣ мебошанд.

42. Сарфи назар аз ислоҳоте, ки дар соҳаи тандурустӣ ҷараён доранд, аз ҷумла ҷорӣ намудани системаи духтурони оилавӣ, барномаҳои давлатии қабулгардида оид ба мубориза бо бемориҳо, ба монанди бемории сил ва ВНБ, маъракаҳои эмгузаронӣ, ки бо дастгирии донорҳои байналмилалӣ доир карда мешаванд, корҳо оид ба ташхис ва пешгирии бемориҳо дар сатҳи паст қарор доранд.

***Тавсияҳо***

43. Инкишоф додан ва таҳким намудани шабакаи муассисаҳои тиббии ноҳиявӣ ва деҳотӣ, аз ҷумла сайёре, ки метавонанд ба аҳолӣ кӯмаки тиббӣ расонанд ва дар сатҳи зинаи аввал чорабиниҳои профилактикӣ гузаронанд, инчунин ба таъсиси клиникаҳои (дармонгоҳҳои) хусусии тиббӣ мусоидат намояд.

44. Ҷорӣ намудани ихтисоси педиатрия дар муассисаҳои тиббии давлатӣ.

45. Беҳтар намудани сифати тайёри ва бозомӯзонии кормандони тиб, хусусан ҳамшираҳои тиббӣ, дастёрони духтурҳо (фелдшерҳо), момодояҳо ва духтурони оилавӣ дар марказҳои такмили ихтисос.

46. Таъмин намудани дастрасӣ ба кӯмаки паллиативӣ барои беморони табобатнашаванда тавассути такмил додани қонунгузорӣ ва таъсис додани шабакаи дорухонаҳои давлатии дорои воситаҳои дардкарахткунанда ва доруҳои афъюндор.

47. Андешидани тадбирҳои таъхирнопазир оид ба беҳтарсозии таъминоти моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, тавассути ҷалб намудани маблағҳои инвеститсионӣ ва донорӣ, харидории таҷҳизоти тиббӣ аз тариқи лизинг ва франчейзинг, баррасии имконияти тардиҷан гузаштан ба суғуртаи тиббӣ. Дар айни ҳол системаи суғуртаи тиббӣ бояд эҳтиёҷот ва имкониятҳои воқеии беморони табақаҳои мухталифи иҷтимоиро ба инобат гирад.

48. Баррасӣ намудани имконияти қабул кардани таҷрибаи байналмилалӣ оид ба деинститутсионализатсияи пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ бо мақсади беҳтарсозии сифати хизматрасонӣ ва фароҳам овардани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои тиббӣ.

# V. ҲУҚУҚҲОИ ГУРӮҲҲОИ МАРГИНАЛӢ

49. Сарфи назар аз он, ки дар маҷмӯъ як қатор тағйироти мусбат дар қонунгузорӣ нисбати нашъамандӣ ба мушоҳида мерасад, шахсоне, ки маводи нашъа истеъмол мекунанд таҳти таҳқири доимӣ ва муносибати дурушт қарор мегиранд. Аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нашъамандонро маҷбур месозанд гуноҳи ҷинояти содирнакардаро ба зиммаи худ гиранд.

50. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кӯмаки наркологӣ кӯҳна шудааст, усулҳои табобат ва офиятбахши дар қонун тавсифгардида самаранок намебошанд. Ҷорӣ намудани Муолиҷаи Ивазкунандаи Афъюн (МИА) яке аз намудҳои муолиҷаи самараноктари вобастагӣ ба нашъа мебошад. Вале дастрасӣ ба чунин муолиҷа баъзан бо сабаби кашолкориҳои расмиятпарастӣ (бюрократӣ) мушкил мегардад, масалан, бинобар зарурати пешниҳод кардани шаҳодатномаи шахсӣ. Илова бар ин, мутобиқи барномаи МИА дар давраи панҷ сол танҳо 700 нафар бояд МИА гиранд, ки ин миқдор кофӣ намебошад, зеро алакай имрӯз шумораи истеъмолкунандагони нашъаи тазриқӣ (ИНТ) ба 20-25 ҳазор нафар мерасад.

51. Гарчанде дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани маҳрамият ва махфияти иттилоот оид ба шахсони боВНБ сироятшуда ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, амалияи мавҷуда ба ошкор гардидани иттилооти мазкур мусоидат мекунад. Масалан, ҳангоми омодагӣ ба амалиёти ҷарроҳӣ супурдани хун барои ташхиси ВНБ бо зикри маълумотҳои шиносномавӣ ҳатмӣ мебошад. Аксар вақт, ҳангоме ки духтурон аз диагнози ВНБ огоҳ мешаванд, онҳо кӯшиш мекунанд шахси беморро ба дигар муассисаи табобатӣ фиристанд, ки ин поймолкунии ҳуқуқи инсон ба дастрасӣ ба тандурустӣ мебошад.

52. Стигматизатсия ва табъизи шахсони бо ВНБ зиндагикунанда (ШВЗ) дар ҳама ҷой паҳн гардидааст. Масалан, ҳолатҳои рад кардани додани музди меҳнат, надодани кӯмаки башардӯстона, рад намудани таъминкунӣ бо кор ва гирифтани таҳсилот ба қайд гирифта шудаанд. Категорияи махсусан осебпазири ШВЗ занон мебошанд.

53. Баъзе ташкилотҳои ғайриҳукуматии фаъоли ба шахсони гирифтори ВНМО хизматрасонандае, ки ба гурӯҳҳои осебпазир хизматрасонии маҷмӯӣ ва сифатнок пешниҳод мекунанд, аз ҷониби баъзе намояндагони хадамоти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ табъиз эҳсос мекунанд.

54. Намояндагони ақаллиятҳои ҷинсӣ ва гендерӣ (НАҶГ) дар Тоҷикистон гурӯҳҳои аз ҳама ноаён ва пӯшидатарин барои корҳои таҳқиқотӣ ва профилактикӣ мебошанд. Нафрат ва бетаҳаммулӣ дар ҷомеа нисбати намояндагони НАҶГ онҳоро маҷбур месозад, ки кишварро тарк кунанд ё тамоюли ҷинсии худро комилан пинҳон доранд. Хавфи ошкор гардидан онҳоро маҷбур месозад, ки муроҷиат кардан барои кӯмаки тиббӣ, ҳуқуқӣ ва психологӣ даст кашанд.

55. Намояндагони НАҶГ доимо ғайриқонунӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади тамаъҷӯӣ таҳти таҳдиди ошкорсозӣ боздошт карда мешаванд.

***Тавсияҳо***

56. Ҷорӣ намудани модули омӯзишӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони тиббӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи таҳаммулпазирӣ нисбати ШВЗ, НАҶГ ва ИНТ.

57. Таҳия ва қабул намудани барномаи миллӣ оид ба маърифатноксозии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони тиббӣ ва аҳолӣ дар масъалаҳои намояндагони НАҶГ бо мақсади барҳам додани тамғадоркунӣ ва табъиз.

58. Бартараф кардани монеаҳои бюрократии (расмиятпарастии) садди роҳи гирифтани МИА ва баланд бардоштани сифати пешниҳоди МИА.

59. Тариқи қонунгузорӣ манъ кардани табъиз дар асоси тамоюли ҷинсӣ ва айнияти гендерӣ.
60. Таъмин намудани махфият ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ба ШВЗ.
61. Пурзӯр намудани ҳамоҳангии фаъолият дар сатҳи байнисоҳавӣ барои таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазир ва ташкилотҳое, ки дар ин соҳа кор мекунанд.
62. Вазорати тандурустӣ якҷоя бо ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи намояндагони НАҶГ фаъолият менамоянд, протоколи дастгирии муолиҷаи гормоналии нармодаҳоро (трансгендерҳоро) таҳия ва дар амалия ҷорӣ намоянд. Ин протокол ба нақшаҳои таълимии муассисаҳои таълимии тиббӣ ворид карда шавад.

# VI. ҲУҚУҚҲОИ ШАХСОНИ ИМКОНИЯТҲОЯШОН МАҲДУД

63. Биноҳо, нақлиёти ҷамъиятӣ, коммуникатсияҳои соҳаи хизматрасонӣ ва роҳҳо ба эҳтиёҷоти шахсони имкониятҳояшон маҳдуд (ШИМ) мутобиқ гардонида нашудаанд, ки ин ҳаракати онҳоро хеле мушкил мегардонад ва мутобиқан дастрасии онҳоро ба инфрасохтори иҷтимоӣ маҳдуд месозад.
64. Табъизи ШИМ дар соҳаи бо кор таъминкунӣ, пешрафт дар хизмат, гирифтани таҳсилот, кӯмаки тиббӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин мукофотпулӣ ва кӯмакпулиҳо ҷой дорад. Масалан, ҳангоми муайянкунии маъюбӣ ба дараҷаи қобилияти кории ШИМ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад. Дар натиҷа маъюбони гурӯҳи якум ва дуюм "корношоям" дониста мешаванд ва ба кор қабул кардани онҳо манъ аст.
65. Занҳои дорои маъюбӣ дар ҷомеа ва оила, хусусан дар минтақаҳои деҳот таҳти табъизи дучанд қарор дода мешаванд. Бисёр занони дорои маъюбӣ аз ҳуқуқҳои худ огоҳ нестанд, таҳсилоти (маълумоти) оддитарин надоранд. Дар бисёр оилаҳое, ки духтарони дорои маъюбӣ таваллуд мешаванд, падару модарон онҳоро маҳдуд мекунанд, ба мактаб-интернатҳо ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ рафтани онҳоро иҷозат намедиҳанд, ки ин сабаби бесаводӣ дар байни ин гурӯҳ мебошад. Духтарони дорои маъюбӣ дар давраи балоғати репродуктивӣ ба ҷароҳати рӯҳӣ бештар осебпазиранд, ки ин дар оянда ба саломатии рӯҳии онҳо таъсир мерасонад.
66. Кӯмаки психологӣ ба одамони дорои проблемаҳои саломатии рӯҳӣ, одатан, дар муассисаҳои махсус расонида мешавад, ки онҳо дар онҷо муддати тӯлонӣ дар шароити танг, вуҷуд надоштани хӯроки солим, нигоҳубини зарурӣ ва муолиҷа бо усулҳои кӯҳнашуда ва бесамари доругӣ нигоҳ дошта мешаванд.
67. Ҳуқуқи кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд ба таҳсил поймол карда мешавад. Сарфи назар аз он, ки баъзе кӯдакон дар хона таълим дода мешаванд, сифати чунин таҳсилот бо сабаби вуҷуд надоштани барномаҳои махсуси таълимӣ хеле паст мебошад. Илова бар ин, кӯдаконе, ки ба таълимгоҳҳо рафта метавонанд, бинобар монеаҳои меъморӣ ва барои маъюбон мутобиқ набудани биноҳо мушкилӣ мекашанд. Кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд, бо сабаби вуҷуд надоштани бархурди махсус нисбати таҳсил дар мактаб, кам будани муассисаҳои махсус барои кор бо чунин кӯдакон, стиматизатсия аз ҷониби ҳамсолон, ба роҳ монда нашудани кори зарурӣ бо волидон ва сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии падару модарон, аз ҷомеа дур мондаанд.
68. Кор бо кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд бо сабаби кам будани чунин мутахассисон, ба монанди дефектологҳо, сурдопедагогҳо, логопедҳо, сурдотарҷумонҳо хеле мушкил мебошад.

***Тавсияҳо***

69. Ба тариқи қонунгузорӣ меъёрҳои нави муайянкунии маъюбӣ таҳия ва мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ қабул карда шаванд. Меъёри коршоямӣ дар муайянкунии маъюбӣ хориҷ карда шавад.

70. Барои одамони имкониятҳояшон маҳдуд муҳити бемонеа ташкил карда шавад: насб кардани воситаҳои зарурӣ барои ҳаракати маъюбон ва таъмини дастрасии онҳо ба инфрасохтори (зерсохтори) иҷтимоӣ.
71. Ба тасвиб расонидани Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони дорои маъюбӣ.
72. Андешидани тадбирҳо оид ба маърифатноксозии аҳолӣ ҷиҳати бартараф намудани стигматизатсия ва табъиз нисбати ШИМ.
73. Идома додани татбиқи барномаи таълими инклюзивӣ (бидуни истисно).
74. Таҳия ва ҷорӣ намудани маҷмӯи арзишии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд (маҷмӯи (пакети) иҷтимоӣ), аз ҷумла кӯмаки тиббӣ.

# VII. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

75. Тибқи маълумотҳои Кумитаи давлатии омор дар 2010 сол, 735 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, вале тибқи арзёбии коршиносони миллӣ ин рақам аз 1 то 2 миллион нафарро ташкил медиҳад. Сабаби чунин фарқият дар маълумотҳои оморӣ вуҷуд надоштани низоми муназзами бақайдгирии шаҳрвандони ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафаркунанда мебошад.
76. Мутобиқи маълумотҳои Бонки миллӣ ҳаҷми интиқолоти пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ба Тоҷикистон дар 2010 сол, 2,1 млрд. доллари ШМА-ро ташкил додааст, ки саҳми бузург ба иқтисоди кишвар мебошад. Бинобар ин, сиёсати Тоҷикистон бештар ба содироти қувваи корӣ ва тақвиятбахшии вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои таъинот нигаронида шудааст. Лоиҳаи Стратегияи нави миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷа барои солҳои 2011-2015 тадбирҳои бозгардонии муҳоҷирони меҳнатӣ ва дар дохили кишвар бо кор таъмин кардани онҳоро пешбинӣ намекунад.
77. Ваколатҳо оид ба танзим намудани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон ду маротиба (дар соли 2007 ва соли 2011) аз як идора ба идораи дигар дода шудаанд. Соли 2011 дар заминаи сохторҳои пештар амалкунандаи оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ идораи нав таъсис дода шуд, вале чорабиниҳои гузариш оид ба идоракунӣ дар давраи ташаккулёбии идора нав пешбинӣ карда нашудаанд.
78. Хадамоти давлатии салоҳиятнок ва кӯмакрасонии ройгон ба муҳоҷирони меҳнатӣ вуҷуд надорад, аз ҷумла хадамоте, ки онҳоро бо иттилооти дақиқ таъмин кунад ва ба машваратдиҳии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ машғул бошад.
79. Заминаи заифи қонунгузорӣ дар соҳаи танзими фаъолияти агентиҳои хусусии шуғл боиси фаъолияти берун аз доираи ҳуқуқӣ мегардад. Назорати ғайрикофӣ ба фаъолияти агентиҳои хусусии шуғл аз ҷониби давлат хавфи ба доми одамфурӯшон афтодани муҳоҷирони меҳнатӣ ва тахти истисмори меҳнатӣ қарор гирифтани онҳоро зиёд мекунад[2].
80. Давлат ба пешгирӣ намудани оқибатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ, ба монанди шумораи афзоишёфтаистодаи занону кӯдакони партофташуда ё ба ҳоли худ гузошташуда таваҷҷӯҳ зоҳир намекунад. Занҳои партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ аксаран камсаводанд ва касбу малакаи корӣ надоранд. Бе дастгирии молиявӣ онҳо ба шиддати рӯҳӣ, худкушӣ, бемориҳо, гуруснагӣ, зӯроварӣ аз ҷониби хешовандони шавҳар осебпазиранд ва ба фоҳишагӣ майл мекунанд[3].

---

[2] Тибқи маълумотҳои таҳқиқоти Ташкилоти Байналмилалии Муҳоҷират ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат "Трудовая миграция и становление частных агентств занятости в Таджикистане", 2009.
[3] «Брошенные жены Таджикских трудовых мигрантов», Исследование Международной Организации по Миграции социально-экономических характеристик брошенных жён Таджикских трудовых мигрантов и их возможностей для выживания, август, 2009.

***Тавсияҳо***

81. Беҳтар намудани системаи ҷамъоварӣ ва бақайдгирии маълумотҳои оморӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ.
82. Дар барномаҳои рушди кишвар пешбинӣ намудани тадбирҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла фароҳам намудани шароити мусоид, хусусан нисбати андоз, барои соҳибкории хурд ва миёна.
83. Андешидани тадбирҳо оид ба беҳтар намудани фаъолияти ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва байнидавлатӣ дар масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ.
84. Таъсис додани хадамоти давлатии салоҳиятноки дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба машваратдиҳии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ.
85. Қабул намудани қонуни алоҳидаи танзимкунандаи фаъолияти агентиҳои хусусии шуғл, ки ба стандартҳои байналмилалии дар Конвенсияҳои СММ ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат муқарраргардида ҷавобгӯ бошад.
86. Мунтазам доир намудани омӯзиши вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва проблемаҳои ҳуқуқии оилаҳои ба ҳоли худ гузоштташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ (аз ҷумла занҳои бевамонда ва кӯдакони ятими муҳоҷирони меҳнатӣ) бо мақсади таҳияи стратегияи тақвиятбахшӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои ин категория шахсон. Ворид намудани масъалаҳои арзёбии вазъ ва мақоми оилаҳои ба ҳоли худ гузоштташуда ба таҳқиқотҳои мухталиф, аз ҷумла оид ба арзёбии сатҳи камбизоатӣ.

# VIII. ГУРЕЗАҲО ВА ШАХСОНИ БЕШАҲРВАНДӢ

87. Бар хилофи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезаҳо", амалияи берун кардани гурезаҳо ва вайрон кардани принсипи «non-refoulement» (берун накардан) ҷой дорад. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи шахсон ба шикоят пешниҳод кардан аз қарор дар бораи депортатсия (рондан) риоя карда намешавад.
88. Тавре ки амалия нишон медиҳад, бисёр гурезагон бо проблемаи (мушкилоти) ба кор даромадан рӯ ба рӯ мегарданд. Дар сурати комилан вуҷуд надоштани ягон кӯмаки моддӣ ё иҷтимоӣ аз ҷониби давлат, гурезаҳое, ки ҳеҷ гуна имконияти таъмин намудани худ ва оилаи худро надоранд, аксар вақт пурра ба кӯмаки моддии аз ҷониби Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон ва ташкилотҳои ҳамшарик такя мекунанд.
89. Тибқи маълумотҳои Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон то ҳол ягон аризаи пешниҳоднамудаи гурезагоне, ки муддати тӯлонӣ дар Тоҷикистон сукунат доранд, мутобиқи талаботи қонун дар бораи шаҳрвандӣ, мусбат баррасӣ нагардидааст.
90. Барои гирифтани иҷозатномаи зист, шахс бояд ҳуҷҷат оид ба истиқомати (қайди) муваққатӣ ва розигии хешовандон ё шиносонро барои қайди истиқомат пешниҳод намояд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ҳуқуқ надоранд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили истиқоматиро ба моликияти хусусӣ харидорӣ намоянд. Чунин ҳолат қайди истиқомати шахсони бешаҳрвандиро амалан ғайриимкон мегардонад.

***Тавсияҳо***

91. Такмил додани ҷамъоварӣ ва мубодилаи маълумотҳо ва расмиёти бақайдгирии гурезагон дар ҳамкорӣ бо Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон бо мақсади баланд бардоштани сифати расмиёти муайянкунии мақоми гурезагон, ошкор ва ҳал намудани проблемаҳои (мушкилоти) гурӯҳҳои осебпазири гурезагон.
92. Мусоидат намудан ба ҳамгироии гурезагон бо роҳи натурализатсия (додани шаҳрвандӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шаҳрвандӣ.
93. Ба тасвиб расонидани Конвенсияи соли 1954 оид ба мақоми апатридҳо (шахсони бешаҳрвандӣ) ва Конвенсияи соли 1961 оид ба ихтисори бешаҳрвандӣ.

94. Бекор кардани қайди истиқомат ва бақайдгирӣ, ҳамчун муқаррароти ғайриконститутсионӣ нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ бошад, боқӣ мондани хислати огоҳонии бақайдгирӣ.

95. Вусъат бахшидани ҳамгироии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии гурезагон ва шахсони бешаҳрвандӣ дар Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дигар барномаҳои рушди миллӣ, инчунин ҷудо кардани маблағҳои зарурӣ барои татбиқи он.

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| USD | Доллари ШМА |
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |
| ВНМБ | Вируси норасоии масунияти инсон |
| ИНТ | Истеъмолкунандагони нашъаи тазриқӣ |
| КГ | Кодекси граждании |
| КЗШ | Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф |
| КМҶ | Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИА | Муоличаи ивазкунандаи афъюн |
| НАҶГ | Намояндагони ақаллиятҳои ҷинсӣ ва гендерӣ |
| НБО | Нерӯгоҳи барқии обӣ |
| ПБҲШС | Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ |
| РКОГ | Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| БВНМО | Бемории вируси норасоии масунияти одам |
| ТҒҲ | Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ |
| ТҶ | Ташкилоти ҷамъиятӣ |
| ТО | Таълимгоҳҳои олӣ |
| ШВЗ | Шахсони бо ВИЧ зиндагикунанда |
| ШИМ | Шахсони имконияҳояшон маҳдуд |